ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО

# НИЗОМНОМАИ

## ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ ҲАЙАТИ ПРОФЕССОРОНУ ОМӮЗГОРОНИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО

ДУШАНБЕ 2019

«ТАСДИҚ МЕКУНАМ”
Раиси Шӯрои олимони МДТ
ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино
д.и.т., профессор Гулзода М.К.___________
26 июня с.2019.

# НИЗОМНОМАИ

## ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ ҲАЙАТИ ПРОФЕССОРОНУ ОМӮЗГОРОНИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО

ДУШАНБЕ 2019

**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ “ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО”**

**НИЗОМНОМАИ ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ ҲАЙАТИ ПРОФЕССОРОНУ ОМӮЗГОРОН**

## Мундариҷа


1. Муқаррароти умумӣ........................................ 3
2. Шаклҳои такмили ихтисос........................................ 4
3. Банақшагирии такмили ихтисоси ҳайати профессорону омӯзгорон............ 5
4. Ташкили такмили ихтисоси ҳайати профессорону омӯзгорон.................. 6
5. Ташкили гузаронидани таҷрибаомӯзӣ........................................ 7
6. Ҷамъбасти натиҷаҳои такмили ихтисоси ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳ........................................ 9

**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ**
**“ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО”**

**НИЗОМНОМАИ**
**ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ ҲАЙАТИ ПРОФЕССОРОНУ ОМӮЗГОРОН**

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Низомномаи мазкур тибқи Қонунҳои ҶТ “Дар бораи маориф”, “Дар бораи таҳсилоти касбии олӣ ва баъдидипломӣ” таҳия гардидааст.

1.2. Такмили ихтисоси ҳайати профессорону омӯзгорон бо мақсади баланд бардоштани донишҳои касбӣ ва қобилиятнокӣ, таҷдиди донишҳои назариявӣ ва амалӣ дар иртибот бо афзудани талабот ба сатҳи маҳоратва азхудкунии усулҳои замонавии ҳалли вазифаҳои касбӣ, баланд бардоштани сифати омода намудани мутахассисон дар Донишгоҳ гузаронида мешавад.

1.3. Такмили ихтисоси омӯзгорон ба такмил ва фаъолгардонии фаъолияти методӣ, илмию таткиқотӣ, инноватсионӣ ва эҷодӣ, баланд бардоштани салоҳиятнокӣ дар соҳаи мушаххасӣ менеҷменти сифати таҳсилот равона гардидааст.

1.4. Принсипҳои такмили ихтисоси ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳ мунтазамӣ, объективӣ, ҳатмӣ ва натиҷанокӣ мебошанд.

Такмили ихтисоси ҳайати профессорону омӯзгорон дар асоси мунтазамӣ аз рӯйи зарурат ба роҳмонда мешавад, вале он набояд камтар аз як бор дар панҷ сол сурат гирад. Барои омӯзгорони ҷавон ва навкор - як маротиба дар давоми ду соли аввали корӣ. Такмили ихтисос барои иштироки дар интихоби озмунӣ ҳатмист.

Шаклҳо ва муҳлатҳои такмили ихтисоси ҳайати профессорону омӯзгорон бо назардошти талаботи кафедраҳои Донишгоҳ муайян карда мешаванд.

## 2.Шаклҳои такмили ихтисос

2.1. Шаклҳои такмили ихтисос ба омӯзгор бо қарори кафедра аз рӯйи таҳлили фаъолияти омӯзгорӣ тавсия дода мешаванд ва онҳо бояд ба таҷрибаи корҳои омӯзгорӣ дар намудҳои зерин мутобиқат намоянд;

Такмили ихтсос дар курсҳои такмили ихтисоси маҳорати омӯзгории Донишгоҳ:

1. Барои омӯзгороне, ки собиқаи кории омӯзгориашон на камтар аз 5 сол аст;
2. Барои дотсентон ва муаллимони калон;
3. Барои мудирони кафедраҳо ва профессорон;
4. Омӯзиши солона дар курси "Омӯзгори мактаби олӣ"

- таҷрибаомӯзӣ;
- гузарондан ба вазифаи корманди илмӣ барои анҷом додани рисолаи докторӣ, пешниҳоди рухсатии эҷодӣ;
- таҳсил дар шуъбаи ғоибонаи аспирантура, докторантура ва унвонҷӯӣ;
- таҳсил дар факултети педагогӣ;
- гирифтани маълумоти дуюми олӣ;
- дифои рисолаи докторӣ (номзадӣ);
- иштирок дар корҳои семинарҳо ва конфронсҳои мухталиф;
- худомӯзӣ аз рӯйи нақшаи инфиродӣ, ки тавассути мудири кафедра тасдиқ гардиа аст ва бо тайёрии кори ҷамъбастӣ ба анҷом мерасад (китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, маҷмӯаи таълимӣ-методӣ, китобҳои электронӣ);

2.2. Такмили итисос метавонад бо қарори кафедра ҳам бо қатъи фаъолияти асосӣ ва ҳам дар ҷараёни он вобаста ба шакли табқи нақша интихоб шуда сурат гирад.

2.3. Давомнокии барномаи такмили ихтисоси омӯзгорон вобаста ба шаклҳо ва мақсадҳои омӯзиш муқаррар карда мешавад:

- Омӯзиши кӯтоҳ муддат, ки ҳам дар ҷойи кори асосӣ ва ҳам дар дигармуассисаҳои таълимӣ гузаронида мешавад (то як моҳ);
- Омӯзиши дарозмуддати мутахассисон дар муассиаҳои таълимии такмили ихтисос барои омӯзиши амиқи масоили рӯзмарраи илм, техника, технология иҷтимоию иқтисодӣ ва ғайра аз рӯйи тахассуси фаъолияти касбӣ гузаронида мешавад (зиёда аз як моҳ).

**3.Банақшагирии такмили ихтисоси ҳайати**

**профессорону омӯзгорон**

3.1 Банақшагирии такмили ихтисоси ҳайати профессорону омӯзгоронро деканҳо ва мудирони кафедраҳо амалӣ менамоянд. Шаклхо, муҳлатҳо ва ҷойи такмили ихтисосро кафедра дар асоси Низомномаи мазкур, ҷадвали ҷараёни таълим ва имконияти иқтисодии Донишгоҳ муайян менамояд.

3.2. Мудири кафедра барои ташкили нақша ва барои такмили ихтисос равона намудани омӯзгор шахсан масъул мебошад, вай уҳдадораст, ки сарбориро байн иомӯзгорони кафедра бо назардошти шакл ва муҳлати такмили ихтсоси омӯзгорон аз нав тақсим намояд .

3.2. Мудири кафедраи нақшаи дурнамои такмили ихтисоси кормандони штатии кафедраро ба муҳлати 5 сол (Замимаи 1,2) таҳия карда ба декани факултет пешниҳод менамояд.

3.3 Муовини ректор оид ба таълим дар асоси пешниҳоди деканҳои факултетҳо оид ба нақшаи дурнамои такмили ихтисоси ҳайати профессорону омӯзгорон нақшаи такмили ихтисоси ҳайати профессорону омӯзгорони донишгоҳро таҳия менамояд.

3.4. Дар асоси нақшаи дурнамои такмилӣ ихтисос аз ҷониби мудири кафедра нақшаи такмили ихтисоси омӯзгорони штатӣ барои соли тақвимӣ дар муҳлати то 20 июни соли ҷорӣ тартиб дода мешавад. Нақша бо декани факултет мувофиқа карда шуда, ба муовини ректор оид ба таълим пешниҳод карда мешавад.

## 4. Ташкили такмили ихтисоси ҳайати профессорону омӯзгорон

4.1. Ташкили раванди такмили ихтисоси ҳайати профессорону омӯзгорон бояд ба таъмини мунтазам ва натиҷанокии он равона гардида бошад.

4.2. Ташкили раванди такмили ихтисоси ҳайати профессорону омӯзгорон аз ҷониби муовини ректор оид ба таълим дар асоси нақшаи солонаи тасдиқ гардидаи такмили ихтисос татбиқ мегардад.

4.3. Дар мавриди барои такмили ихтисос равон гардидани ҳайати профессорону омӯзгорон ҳангоми қатъи фаъолияти асосӣ ҷойи корашон (вазифа) ва музди миёнаи меҳнатдарҷойи кори асосӣ нигоҳдошта мешавад.

Ҳангоми барои такмили ихтисос ба маҳалли дигарравон гардидани ҳайати профессорону омӯзгорон бо қатъи фаъолияти асосиҷойи корашон, пардохти хароҷоти сафари хизматӣ тибқи тартибот ва меъёрҳои ба ашхоси ба сафари хизматӣ равоншуда сурат мегирад.

- Ҳангомибаитмомрасиданикурсиомӯзиш ҳайати профессорону омӯзгорон уҳдадоранд, ки бакафедра ва раёсати кадрҳо нусхаи ҳуҷҷатҳо оид ба такмили ихтисосро пешниҳод намоянд:
- Шаҳодатномаоидитакмилиихтисосбаришахсоне, ки давраи омӯзиши кӯтоҳ муддатро гузаштаанд ва ё дар кори семинарҳои мавзӯию проблемавӣ аз рӯйи нақша дар ҳаҷми аз 72 то 100 соат ширкат доштаанд;
- Шаҳодатнома оиди такмили ихтисос барои шахсоне, ки давраи омӯзишро аз рӯйи нақша дар ҳаҷми аз 100 то 500 соат гузаштаанд;
- диплом оид ба бозомӯзии касбӣ ба шахсоне, ки омӯзишро мувофиқи нақша дарҳаҷми аз 500 то 1000 соат гузаштаанд;
- диплом дар бораи таҳсилоти иловагӣ (ба олӣ) барои шахсоне, ки давраи омӯзишро аз рӯйи барнома зиёда аз 1000 соат гузаштаанд.

## 5. Ташкили гузаронидани таҷрибаомӯзӣ

5.1. Таҷрибаомӯзӣ яке аз шаклҳои асосии такмили ихтисоси омӯзгорон мебошад ва бо мақсади мунтазам такмил додани маҳорати касбии онҳо гузаронида мешавад.

5.2. Таҷрибаомӯзӣ шакли инфиродии такмили ихтисоси омӯзгорон мебошад. Вазифаи асосии он таҷдид ва таъмиқи донишҳо дар соҳаҳои илмию касбӣ, психологӣ-педагогӣ ва умуми фарҳангӣ дар асосӣ шиносоӣ бо дастовардҳои муосири илмӣ, техника ва технологияи пешқадам, азхуднамудани шаклҳои ҷадид, усулҳо ва воситаҳои омӯзиш, омӯзиши таҷрибаи ватанӣ ва хориҷӣ мебошад.

5.3. Таҷрибаомӯзӣ метавонад дар корхонаҳо (иттиҳодияҳо), ташкилотҳо (аз ҷумла кооператсияҳои матлуботӣ), муассисаҳои пешбари

илмию таҳқиқотӣ ва таълимӣ, мақомоти ҳокимияти иҷроияи сатҳҳои гуногун гузаронида шавад.

5.4. Мазмун ва гузаронидани таҷрибаомӯзӣ тибқи нақшаҳои инфиродии аз ҷониби кафедра таҳияшуда ва бо роҳбарияти корхона ё ташкилоти дар он таҷрибаомӯзӣ иҷрогардида мувофиқашуда ва аз ҷониби муовини ректор оид ба кори таълимии тасдиқшуда муайянкарда мешавад.

Нақшаи инфиродии таҷрибаомӯзӣ аз ҷониби омӯзгор иҷрогардидни вазифаҳои мушаххаси касбию методӣ, таълимию техникӣ ва ғайраропешбинӣ менамояд.

5.5. Давомнокии таҷрибаомӯзиро кафедра бо назардошти ҳадафҳои он ва мувофиқа бо роҳбари корхона (иттиҳодия), ташкилот ё муассиса, ки дар он гузаронида мешавад, муқаррар менамояд.

5.6. Фиристодани омӯзгорон ба таҷрибаомӯзӣ мутобиқи фармони ректори донишгоҳ ба расмият дароварда мешавад.

5.7. Роҳбари корхона (ташкилот), ки дарон омузгорон таҷриба меомӯзанд, ба ҳар яки онҳо аз ҳисоби кормандони пешбари корхона мушовир таъйин менамояд.

5.8. Омӯзгор аз рӯйи натиҷаҳои таҷрибаомӯзӣ ҳисобот пешниҳод менамояд, ки онро роҳбари муассисаи дар онҷо таҷрибаомӯзӣ суратгирифта тасдиқ намудааст.

Кафедра дар ҷаласаи худ ҳисоботи омӯзгорро мешунавад, дар бораи тасдиқ, такмилдиҳӣ ё рад кардани он қарор мебарорад, инчунин оид ба истифодаи натиҷаҳои таҷриба омӯзӣ дар ҷараёни таълим тавсияҳо медиҳад.

## 6. Ҷамъбасти натиҷаҳои такмили ихтисоси ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳ

6.1. Ҳисобот оид ба такмили ихтисосиҳайати профессорону омӯзгорон, ки маводи он бо тамоми ҳуҷҷатҳо оид ба такмили ихтисос (нусхаҳо) аз ҷониби мудири кафедра тасдиқ гардида, то 20 июни соли ҷорӣ ба декани факултет пешниҳод мегардад. Ҳисоботи ҷамъбастӣ тавассути муовини ректор оид ба корҳои таълимӣ то 05 июли соли ҷорӣ таҳиякарда мешавад.

6.2. Масъулият барои таҳияи ҳисобот ва ҷамъбасти натиҷаҳои такмили ихтисоси ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳ ба зиммаи муовини ректор оид ба корҳои таълимӣ гузошта мешавад.

**ВАРАҚАИ МУВОФИҚАНАМОӢ**

**Таҳиягарон: Кормандони шуъбаи сифати таҳсилот**

**Мувофиқа карда шуд:**

| Вазифа | Имзо | Ному насаб |
|---|---|---|
| Муовини ректор оид ба таълим, д.и.т., профессор «____»______________ с.201__ | | Ибодов С.Т. |
| Сардори Шуъбаи таълим, д.и.т., профессор «____»______________ с.201__ | | Хоҷаева Н.М. |
| Дир.маркази рушди стратегӣ ва менеҷмент, н.и.т. «____»______________ с.201__ | | Маҳмудов Х.Р. |
| Сардори офиси бақайдгирӣ «____»______________ с.201__ | | Гулбекова З.А. |
| Дир. Маркази ягонаи тестӣ, н.и.т. «____»______________ с.201__ | | Иброҳимов Ю.Ҳ. |
| Раиси иттфоқи касабаи донишҷӯён, «____»______________ с.201__ | | Саидов И. |
| Декани Факултети тиббӣ, д.и.т. «____»______________ с.201__ | | Муҳаббатов Ҷ.Қ. |
| Декани факултети педиатрӣ, д.и.т., профессор «____»______________ с.201__ | | Табаров М.С. |
| Декани факултети стоматологӣ, н.и.к. «____»______________ с.201__ | | Қаландарзода Ё.Х. |
| Декани факултети фарматсевтӣ, н.и.т., дотсент «____»______________ с.201__ | | Юлдашева У.П. |
| Декани факултети нигаҳдории тандурустии ҷамъиятӣ, н.и.т. «____»______________ с.201__ | | Саидзода Б.И. |
| Ҳуқуқшинос «____»______________ с.201__ | | Саидов Ҷ.З. |